## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ", ки диссертатсияи худро зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Дар замони муосир омӯзиши забони англисӣ барои шумораи зиёди одамон зарур шудааст. Инро шароити воқеии вазъи иҷтимоию иктисодии кишвар талаб мекунад. Шумораи афзояндаи доничӯён эҳтиёҷ ба донистани забони англисиро эҳсос мекунанд ва бештар дар бораи қобилияти одамон дар муоширати воқеии забон дар соҳаи мушаххаси касбии худ бояд таваҷҷуҳ кард. Вазифаи омӯзгорр дар ин ҷо на танҳо аз он иборат аст, ки дар азхудкунии маводи дахлдор мусоидат намояд, балки ҳамчунин ташаккули салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён дар соҳаи дахлдори касбӣ мебошад.

Шахсони синнашон аз 18то 25 - сола, ки ба омӯзиши забони англисӣ шуруъ мекунанд, умедворанд, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба натиҷаҳои хеле зуд ноил шаванд, зеро барои аксарияти ин гуна одамон, болоравии зинанизоми вазифа бевосита аз донистани забони хориҷӣ, аксар вакт забони англисӣ вобаста аст. Вазифаи донишҷӯёнзимни таълим аксар вакт қобилияти муошират баъди хатми донишгоҳ бо таълимгирандагон, шарикони тиҷоратӣ, гуфтугӯйи телефонӣ ва навиштани мактубҳо, тарҷумаи мақолаҳои касбӣ, ҳамчунин қобилияти муошират кардан дар ҳаёти ҳаррӯза бо забони англисӣ дар дар кишвар ва хориҷа ҳангоми сафарҳо мебошад.

Баъзан донишҷӯён ангезаҳое доранд, ки бевосита бо фаъолияти касбии онҳо алоқаманд нестанд. Ин шояд эҳтиёҷоти онҳо ба таҳсилоти иловагӣ бошад, ки ин аз хоҳиши васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо, хоҳиши баланд

бардоштани эътимоди худ ва ба даст овардани эътимоди бештар ба худ аст, аммобарои ба ҳамаи ин ноил шудан бояд мушкилоти омӯзиши хориҷӣ самаранок рафъ карда шаванд.

Аз ин лиҳоз боядзикр кард, ки ки кори диссертатсионии Орифов Орзу Обидхуҷаевич тахти унвони «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ" мавзуъ ва масъалаи рӯзмарра мебошад.

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич, ки «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони унвон дорад, аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи кори илмӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ мубрамию муҳиммияти мавзуи мавриди баррасӣ таҳқиқ, дараҷаи коркарди мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳкиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии· амалӣ, навгонии илмӣ, соҳаи таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола нишон дода шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки дар асосу заминаи равишҳои илмии олимону муҳаққиқон ва амалкунандагон, ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муайян кардани моҳияти раванди мушаххаси педагогии бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар донишҷӯён, мазмун ва сохтори он, роҳҳо ва шароити педагогии самаранокии ин раванд ошкор карда мешаванд. Бо ёрии равишҳои илмӣ мушкилоти таълимӣ ҳамчун як падидаи маъмули педагогӣ муайян карда шуданд, аз ҷумла, маҷмуи мушкилоти таълими забони англисӣ, ки дар байни донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюми таълими он дар равияҳои гуманитарӣ ба миён меоянд: фишори функсионалӣ, вайроншавии созгорию

мутобиқшавӣ дар таълим ва, дар ниҳоят, коҳиши пешрафти донишҷӯён дар омӯзиши забони англисӣ.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи мукаррароти татбикшудаи раванди мушаххаси педагогии рафъи мушкилоти таълимӣ: навсозии омодагии назариявӣ ва методии омӯзгорони забони англисӣ барои рафъи мушкилоти мушаххаси омӯзиш дар байни донишҷӯён, ташаккули ҳавасмандии донишчӯён барои рафъи мушкилоти забони англисӣ мебошад. Татбиқи методологии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барои пешгирии душвориҳои мушаххас дар омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯён, озмоиши ба барномаи лексикӣ нигаронидашуда барои рафъи мушкилоти омӯзиш, аз ҷумла, панҷ марҳила, ки самаранокии онҳо аз рӯйи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дар рисола таҳиягардида арзёбӣ шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот дар заминаи ақидаҳо ва консепсияҳое, ки дар асарҳои классикони педагогика ва психологияи ватанӣ ва хориҷӣ барои омӯзиши мушкилот дар омӯзиш ва ҳалли мушкилоти маърифатии мушкилоти забон таҳия шудаанд (Ф.Шарифзода, А.М.Мирализода, И.Каримова, А.Нуров, Ҷ.Алимӣ, И.Я.Зимняя, Л.С.Виготский, Л.И.Рувинский, Ю.К.Бабанский, И.Я.Лернер А.Р.Лурия, Д.Игел, А.Сприн, Д.Тупер, Райссер, Х.Туокко); муайян кардани бузургии мушкилоти таълимӣ (Е.Н.Почернина, И.А.Рейнград, М.Л.Безденежних, В.И.Загвязинский); оид ба мушкилоти рафъи мушкилот (Ҷ.Алимй, А.Даминова, И.Л.Ким, А.А.Миролюбов, З.И.Калмикова, И.П.Комарова); оид ба омӯзиши забони хориҷӣ (Г.А.Белякова, .М.Берман, И.В.Бессонова, Д.И.Боровко, М.Л.Вайсбурд, Е.В.Васмловская, .С.Латушкина, З.Д.Лвовская).

Навгониҳои илмии таҳқиқот чунинанд**:** Бори нахуст дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар омӯзиши забони англисӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ омӯхта шуд; Мазмуни раванди бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ ошкор карда шуданд; Таснифоти мушаххаси душвориҳои омӯзиши мураккабии гуногун дар асоси заминаҳои илмӣ ошкор карда шуданд; Қавоиди консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ оиди ташаккули салоҳиятмандии

нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши ЗА дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ коркард карда шуданд; Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуд, қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд; Заминаҳои ташаккули салзабони англисӣ дар шароитҳои бисёрзабонии донишгоҳҳои омӯзгорӣ муайян карда шуданд; Модели ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни омӯзишизабони англисӣ коркард карда шуд; Низоми санҷиши самаранокии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар озмоиши таълимӣ пешниҳод карда шуд.

Дар рисолаиилмӣ нахустин маротиба таҳқиқи хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан, дар он вазифаю масъалаҳои муайян намудани мазмун ва моҳияти мушкилоти таълими фанни забони англисӣ дар асоси таҳлили назариявӣ таснифоти ин мушкилотро тартиб додан; асоснок кардани таснифоти мушаххаси вазифаҳои таълимии сатҳи гуногун дар асоси илмӣ ва мушкилоти омӯзиши забони англисӣ; асоснок кардани моҳият, мундариҷа ва сохтори раванди бартарафсозии мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ; таҳияи амсилаи (модели) рафъи мушкилоти донишҷӯёни равияи гуманитарӣ дар омӯзиши забони англисӣ; ташкил ва гузронидани таҷрибаи педагогӣ дар асоси амсилаи (модели) рафъи мушкилоти донишҷӯёни равияи гуманитарӣ дар омӯзиши забони англисӣ; санҷиши самаранокии барномаи таҳияшуда тавассути гузаронидани таҳқиқоти ташхисии назоратӣ баррасӣ гардидаанд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад: *банди 1.* Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ;

фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони забони хориҷӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот; *банди 2.* Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фанни забони хориҷӣ дар равандҳои таҳсилотӣ; *банди 3.* Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фанни забони хориҷӣ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ; *банди 4.* Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки ин имкон додааст дар заминаи равияҳои ҳамгирой, шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва салоҳиятмандӣ проблемаи ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар факултетҳои ЗХ-и донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин кори пажӯҳишӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш омӯхта шавад. Саҳми шахсии унвонҷӯ ҳамчунин дар асосу заминаи омӯзишу таҳлили таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқиқро истифода карда, ташаккул ва рушди фарҳанги омӯзиши босифатро барои донишҷӯён аз мавқеи илмӣ ҳамаҷониба баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҳаҷми 2 монография, дастур, 13 мақолаи илмӣ, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ ба нашр расидааст.

Диссертатсияи мазкур дар ду боб таълиф ёфта, дар боби аввали диссертатсия, ки - “Асосҳои илмӣ-назариявии пешгирӣ ва рафъи мушкилот дар раванди таълими забони англисӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён” ном дорад, фарогири масъалаҳои вобаста ба асосҳои илмӣ ва амалии бартараф намудани мушкилоти забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои мухталифи мактабҳои олӣ мебошад.

Боби дуюми дисертатсия - «Технологияҳои инноватсионии педагога дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар таълими забони англисӣ” масъулаҳои вобаста самаранокии рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ  дар донишҷӯёнро фаро мегирад.

Муаллиф ҳар кадом боби диссертатсияро бо хулосаҳои дақиқу мушаххас ҷамъбаст намуда, дар хулосаи умумии диссертатсия ҳамаи хулосаҳои бобҳоро ҷамъбаст намудааст.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқу баррасӣ ба таври фишурда аз рӯйи натиҷагирии пажӯҳиш оварда мешавад. Рӯйхати адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурӣ ва сарчашмаҳои илмӣ буда, аз осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ иборат мебошанд, ки теъдодашон ба 199 адад мерасад.

Дар баробари   дастоварду муваффақиятҳо дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ  ба баъзе камбудиҳо низ  роҳ додааст, аз ҷумла:

1. Дар қисмати шарҳу тавзеҳи раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва натиҷаҳои он дар ин маврид ба даст омада, бояд муаллиф бештар маълумот ироа мекард;

2.Дар кор чунин ба назар мерасад, ки муаллиф зимни пешбурди таҳқиқот ҳамчун пойгоҳи заминавӣ бештар ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, яъне ба таҷрибаю собиқаи ҷойи кории худаш такя кардааст ва маълумотҳо оид ба муассисаҳои таълимии дигар, ки дар кор зикр шудаанд, маълумотҳо нисбатан камтаранд;

3.Таносуби ҳаҷму андозаҳои боби якум ва боби дуюм риоя нашудааст;

4. Дар пешбурди чунин корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки арзишу аҳамияти зиёди назариявӣ ва амалӣ дар замони муосир ва шароитҳои нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, хуб мебуд агар ба дастовардҳои олимону муҳаққиони Амрикою Аврупо ҳам такя карда шавад;

5.Дар кор ҳамчунин дар баъзе саҳифаҳо вобаста ба имлои нав баъзе саҳву иштибоҳот мушоҳида мешаванд (с.18, 26, 78, 112 ва чанде дигар).

Эроду камбудиҳои  мазкур  наметавонанд ҳусни корро коҳиш диҳанд.

Муқаддима мазмуну муҳтавои асосии кори диссертатсиониро инъикос мекунад.

Қисмати Хулосаи кор натиҷаҳои таҳқиқотро фаро гирифтааст. Хулосаҳои илмии муҳаққиқ дар ҷамъбаст қобили қабул ва пурааанд.

Фишурда (автореферат)- и кор бо сохтор ва мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

Орифов Орзу Обидхуҷаевич «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ", ки диссертатсияи худро зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи
забонҳои хориҷии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон          Шамсова Бибихосият Қудратовна

Имзои Шамсова Бибихосият Қудратовнаро
тасдиқ мекунам. Сардори ШК КМ-и
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон:          Раҳматулло Н.

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734061, кучаи Н. Қарабоев 63/3
Тел: +992 (37) 2347988
Е-майл: rectorat-tut@mail.ru
16.05.2024